# ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи рисолаи номзадии Каримова Мастона Дилбаровна дар мавзӯи “Ташаккул ва инкишофи лексияи лаҳҷа дар шароити дузабонӣ (дар асоси маводи лексикаи лаҳҷаи тоҷикии ноҳияи Лахш)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯи ихтисоси 10.02.22. Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо сокинони бумии (аборигени) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ), Душанбе, 2018**

Рисолаи номзадии Каримова Мастона Дилбаровна дар мавзӯи муҳими илми забоншиносии муосир “Ташаккул ва инкишофи лексикаи лаҳҷа дар шароити дузабонӣ (дар асоси маводи лексикаи лаҳҷаи тоҷикони ноҳияи Лахш)” навишта шудааст. Омӯзиш ва пажӯҳиши лаҳҷаҳои алоҳидаи забони тоҷикӣ ва муносибати онҳо бо дигар забонҳо дар шароити имрӯза хеле муҳим буда, барои ҳалли бисёр масъалаҳои назариявии шевашиносии муосир мусоидат карда метавонад.

Муҳаққиқ ҳодисаи ташаккули лаҳҷаҳои тоҷикиро дар шароити дузабонӣ хеле дақиқ ва амиқ мавриди таҳқиқ қарор дода, ба чунин хулоса меояд: “Ҳамзистии халқи тоҷик бо қавму миллатҳои гуногуни турkзабон боиси таъсири мутақобила дар гуфтори онҳо гардида, дар баъзе минтақаҳо сабаби ба вуҷуд омадани дузабонӣ гардидааст”. Барои таҳқиқи воқеӣ ва амиқи масоили мавриди назар муҳаққиқ омӯзиш ва тадқиқи муносибати байниҳамдигарии забонҳои тоҷикиву қирғизиро дар мисоли ноҳияи Лахш пажӯҳиш намудааст, ки чунин таҳқиқот дар шароити муҳити бисёрзабонии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти илмию назариявиро дорост.

Бояд таъкид намуд, ки чунин усули таҳқиқ дар нисбати лаҳҷаҳои тоҷикон дар шароити бисёрзабонӣ дар илмии забоншиносии муосир таҷрибаи нав ва муҳим мебошад. Ҳамзамон муносибати забонии мардуми ноҳияи Лахш дар шароити бисёрзабонӣ то имрӯз ба сифати тадқиқоти алоҳида аз ҷониби донишмандони соҳаи забоншиносӣ

мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Аз ин нуқтаи назар рисолаи мазкурро дар забоншиносии муосири тоҷик пажӯҳиши нав дар самти омӯзиши лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ метавон номид.

Навгонии рисолаи мазкур дар он зоҳир мешавад, ки муҳаққиқ дар тадқиқоти худ аввалин маротиба лексикаи лаҳҷаи тоҷикони ноҳияи Лахшро ба таври нисбатан мукаммал ҷамъоварию таҳқиқ намуда, вижагиҳои гуногуни лексикии онро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Муҳаққиқ таъсири мутақобилаи ҳамзистии миллатҳоро ба забон возеҳу равшан таҳқиқ намуда, бо ин гузориши худ барои рушди масоили луғатшиносӣ ва таҳқиқи хусусиятҳои дузабонӣ заминаи мусоиди илмиро ба вуҷуд овардааст.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, 3 боб, хулоса, феҳрести ихтисораҳо ва китобнома иборат буда, моҳияти мавзӯи тадқиқотиро ба таври мукаммал ифода намудааст.

Дар нисбати фишурдаи рисола ҳаминро қайд кардан ба маврид аст, ки он моҳияти рисолаи мазкурро пурра ифода мекунад ва сабку забони он ҳам ба талаботи илмӣ ҷавобгӯй мебошад. Бо вуҷуди ин, дар фишурда баъзе ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва забонӣ ба назар мерасад.

1. Дар китобнома адабиёти ба мавзӯи тадқиқотӣ иртибот дошта, камтар ба назар мерасад.
2. Дар тарҷумаи русии фишурда баъзе фарқиятҳои ҷузъӣ нисбат ба матни тоҷикӣ мавҷуд аст.
3. Матни фишурдаи рисола ба таҳрир эҳтиёҷ дорад.

Нуқсонҳои ҷузъии ишорашуда ҳеч гоҳ сатҳи илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд ва умедворем, ки аз ҷониби унвонҷӯ мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтани онҳо боиси такмил ёфтани аҳамияти илмии тадқиқоти анҷомдодашуда хоҳад гашт.

Умедворем, ки ин рисола ба сифати як асари тадқиқотиву таҳқиқӣ дар забоншиносии муосир барои муҳаққиқини соҳаи забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, назмшиносӣ ва шевашиносӣ судманд ва ҷиҳати боз ҳам дақиқ омӯхтану баррасӣ намудани вижагиҳои лаҳҷаҳои тоҷикӣ мусоидат хоҳад кард.

Рисолаи Каримова Мастона Дилбаровна дар мавзӯи **“Ташаккул ва инкишофи лексияи лаҳҷа дар шароити дузабонӣ (дар асоси маводи лексикаи лаҳҷаи тоҷикии ноҳияи Лахш)”** ҳамчун тадқиқоти анҷомёфта, комилан ба меъёри рисолаи номзадӣ мутобиқат буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.02.22- Забони халқҳои мамолики хориҷ, Аврупо, Осиё, Африқо ва бумиҳои Амрико ва Австралия мебошад.

**номзади илми филология,**
**мудири кафедраи забони тоҷикии**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Одинаев Нурмаҳмад Сафарович**

**номзади илми филология,**
**дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Носиров Сабур Музаффарович**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 63/3.**
**E - mail: odinaievn@mail.ru, nsabur@mail.ru**
**Сайт вуза: www.tut.tj**
**Тел: (+992) 93-445-33-44; (+992) 2-50-15-35.**
**Факс: (+992-37) 2-34-49-88.**

**22.10.2018.**

**Имзои**
**Одинаева Н.С. ва Носиров С.М.-ро**

**Тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Бухориев Н.Б.**